# КОМИССИЯИ ОЛИИ АТТЕСТАТСИОНИИ
# НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
# **ФАРМОИШ**

аз 13 марти соли 2018 №36 ш. Душанбе

Оид ба шӯрои диссертатсионӣ

Мутобиқи бандҳои 65, 66-и Низомномаи намунавӣ оид ба шӯрои диссертатсионӣ (26.11.2016, №505)

ФАРМОИШ МЕДИҲАМ:

1. Қарори шӯрои диссертатсионии 6D.КОА – 006 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (протоколи №3 аз 26.02.2018), бинобар сабаби ба инобат нагирифтани талаботи банди 65 Низомномаи намунавӣ оид ба шӯрои диссертатсионӣ (26.11.2016, №505) дар мавриди таъйини рӯзи ҳимояи Гадоев Сабзаали Махшулович (31.05.2018), беътибор дониста шавад.
2. Эълони санаи ҳимояи Гадоев С.М. аз сомонаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (www.vak.tj) гирифта шавад.
3. Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА – 006 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон огоҳонида шавад, ки дар ҳолати такрор шудани вайронкунии талаботи Низомномаи намунавӣ оид ба шӯрои диссертатсионӣ ва Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор) (26.11.2016, №505) фаъолияти шӯрои диссертатсионии мазкур қатъ карда мешавад.
4. Назорати иҷрои фармоиши мазкур ба уҳдаи Шуъбаи аттестатсионии илмҳои табиӣ-риёзӣ ва техникӣ гузошта шавад.

Раис А. Розиқзода.